«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии Данғара
____________н.и.т., д.и.п. ШоҳиёнН.Н.
08.12 . соли 2022

ХУЛОСАИ

Шурои олимони факултети педагогикаи инноватсионӣ ва психологияи Донишгоҳи давлатии Данғара ба диссертатсияи унвонҷӯи кафедраи педагогика ва психологияи Донишгоҳи давлатии Данғара Рустами Абдуҷаббор дар мавзӯи "Фарҳанги хонавода ва тарбияи иқтисодии наврасон дар шароити иқтисоди бозорӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ).

Роҳбари илмӣ - номзади илмҳои педагогӣ, муовини директор оид ба корҳои методӣ, Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомӣ. Лутфуллоева Парвина Маҳмадуллоевна

Рустами Абдуҷаббор 08-уми декабри соли 1994 дар н. Шамсиддини Шоҳини вилояти Хатлон таваллуд шудааст. Мавсуф Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣро соли 2017 аз рӯи ихтисоси муаллими синфҳои ибтидоӣ бо иловагӣ санъати мусиқӣ хатм намудааст.

Рустами Абдуҷаббор фаъолияти меҳнатиашро аз соли 2017 ба ҳайси омӯзгори фанни педагогика ва психология дар Донишгоҳи давлати Данғара оғоз намудааст. Аз соли 2020 сар карда то инҷониб ба ҳайси омӯзгори калони кафедраи педагогика ва психологияи Донишгоҳи давлати Данғара фаъолият карда истодааст.

Рустами Абдуҷаббор ба сифати унвонҷӯ дар бахши аспирантура ва докторантураи Донишгоҳи давлати Данғара таҳсил карда, имтиҳонҳои минимуми номзадиро аз фанҳои фалсафа – хуб, Забони англисӣ – хуб ва ихтисос педагогикаро бо баҳои аъло супоридааст.

Диссертатсияи мазкур дар ҷаласаи муштараки кафедраҳои Методикаи таълим, таҳсилоти томактабӣ ва ибтидоӣ, педагогика ва психологияи Донишгоҳи давлатии Данғара муҳокима гардида, барои баррасӣ ба Шурои олимони факултети педагогикаи инноватсионӣ ва психологияи Донишгоҳи давлатии Данғара пешниҳод гардидааст. (Суратҷаласаи шуъба аз 08. 12. 2022, №5).

Шурои олимони факултети педагогикаи инноватсионӣ ва психологияи Донишгоҳи давлатии Данғара таҳқиқоти диссертатсионии Рустами Абдуҷабборро бо иштироки муқарризони расмӣ – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи таҳсилоти томактабӣ ва кори иҷтимоии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Иззатова М.И., номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ ва иқтисодии Донишгоҳи давлатии Данғара Гулзода Н.А. мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дод.

Унвонҷӯ Рустами Абдуҷаббор оид ба мазмуни мухтасари диссертатсия, натиҷаҳои дар раванди таҳқиқот ва корҳои таҷрибавӣ - озмоишӣ бадастоварда мухтасар баромад карда, хулоса ва тавсияҳои методии дар заминаи таҳқиқот коркардаашро ба самъи иштирокчиёни ҷаласа ироа кард ва ба саволҳои манзуркардаи иштирокчиёни ҷаласа ҷавобҳои мушаххас дод.

Доктори илмҳои педагогӣ Иззатова М.И. аз ҷумла қайд намуд, ки объекти таҳқиқоти диссертатсия муайян кардани раванди тарбияи иқтисодӣ ва ташаккули сифатҳои меъёрии ахлоқиву иқтисодии наврасон дар хонавода ташкил мекунад. Инчунин, доктор дар хусуси асосҳои методологии диссертатсияи унвонҷӯ қайд намуд, ки асосу тавсияҳои назариявӣ-методии коркардшуда оид ба роҳҳо, усулҳои тарбияи иқтисодии хонаводагии наврасонро мавриди истифода қарор додан мумкин аст. Ҳамчунон роҳҳои бартараф кардани мушкилоти мавҷударо дар раванди тарбияи иқтисодии хонаводагии наврасон дар замони иқтисоди бозорӣ ва ташаккули хислатҳои ахлоқиву иқтисодӣ дар онҳо метавон амалӣ кард.

Хулоса ва тавсияҳои илмие, ки дар рисола оварда шудаанд, бо методологияи муносибати системавӣ, консепсияи илмии ташхиси педагогӣ-психологӣ асоснок гардида, ба методҳои назариявӣ ва таҷрибавии таҳқиқот такя мекунанд. Онҳо, инчунин, бо кори озмоишӣ, таҷрибаи шахсии педагогии кори муаллифи диссертатсия тасдиқ карда шудаанд.

Дар таҳқиқот исбот карда шудааст, ки то ба имрӯз дар таҷриба ва амалия дар мавзӯи фарҳанги хонавода ва тарбияи иқтисодии наврасон дар шароити иқтисодии бозорӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии кишвар таҳқиқоти илмӣ-педагогии ҷудогона мавриди омӯзиш қарор дода нашудааст.

Мақсаду вазифаҳои таҳқиқот ва баррасии озмоишҳо ба унвонҷӯ имконият додаанд, ки ба як қатор саволҳои калидии ба мавзуи мазкур дахлдошта ҷавоб гӯяд.

Дар интиҳои баромад доктор Иззатова М.И. қайд намуд, ки кори илмию таҳқиқотии унвонҷӯро ба инобат гирифта, онро ба ҳимоя пешниҳод менамояд.

Муқарризи холиси дигар - номзади илмҳои педагогӣ Гулзода Н.А. қайд намуд, ки бо гузариш ба муносибатҳои иқтисоди бозорӣ проблемаи тарбияи иқтисодии насли наврас, ташаккул додани меъёрҳо ва сифатҳои ахлоқиву иқтисодии онҳо бар дӯши ҳамаи институтҳои иҷтимоии тарбиявии ҷомеа вогузор мегардад. Дар ин маврид мавқеъ ва накши хонавода назаррас аст. Зеро азхудкунии донишҳои ибтидоӣ, муайянкунии тасаввурот ва васеъшавии ҷаҳонбинии насли наврас маҳз аз хонавода оғоз мегардад. Ҳамаи ин заруриати омӯзиши мақом ва нақши назарраси хонаводаро ҳамчун институти тарбиявии иҷтимоӣ дар ташаккулёбии шахсияти насли ояндасоз муҳим ва мубрам менамояд. Ҳамчунин, нокифоя будани коркарди назариявӣ-илмии мавзуъ зарурияти таҳқиқи онро муҳим менамояд. Ҳалли масъалаи мазкурро унвонҷӯ дар натиҷаи корҳои илмии назариявӣ ва амалӣ оид ба мавзӯи мазкур дар муқаддима, ду боб ва ҷамъбасти онро нишон додааст.

Муқарриз Гулзода Н.А.. ибрози андеша намуд, ки натиҷаҳои таҳқиқотро метавон дар раванди машғулиятҳои омӯзгорони ҳамаи фанҳои таълимии муассисаҳои таълимии кишвар истифода кард. Хулоса, диссертатсияи Рустами Абдуҷаббор барои ҳимоя дар Шӯрои диссертатсионӣ пешниҳод карда шавад.

Ҳамин тариқ, бо дарназардошти муҳокима ва хулосаҳои муқарризон - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи таҳсилоти томактабӣ ва кори иҷтимоии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Иззатова М.И., номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ ва иқтисодии Донишгоҳи давлатии Данғара Гулзода Н.А. ва иштирокчиёни ҷаласаи Шурои олимони факултети педагогикаи инноватсионӣ ва психологияи Донишгоҳи давлатии Данғара хулоса кард.

Диссертатсияи номзадии Рустами Абдуҷаббор мубрам ва дархӯри замон буда, масъалаи мазкур яке аз масъалаҳое ба ҳисоб меравад, ки дер боз диққати муҳаққиқонро ба худ ҷалб намудааст. Зарурияти тарбияи иқтисодии насли наврас, ки қодир бошад дар

муносибатҳои нави иқтисодиву иҷтимоӣ ҳамчун насли ояндасоз баромад кунад, ҳамчун масъалаи мубрам ва мушкил пеши ҷомеа меистад. Чӣ гуна омода намудани насли навраси аз лиҳози тарбияи фарҳанги иқтисодӣ ташаккулёфта аз рушди ояндаи иқтисодиву иҷтимоии ҷомеа вобаста аст.

Аз ин рӯ, дар илмҳои педагогӣ, психологӣ ва иқтисодии ҷомеа имрӯзҳо ба тарбияи иктисодии насли наврас таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда мешавад. Аммо, мутаассифона, дар системаи ватании маориф танҳо омӯзиши ҷанбаҳои тарбияи иқтисодии насли наврас оғоз гардидааст ва дар муайян кардани мақсад, вазифа ва мазмуни чунин таълим ва тарбия мушкилиҳои зиёде ҷой дорад.

Муҳаққиқ мақсаду объект, предмет ва фарзияи таҳқиқотро дуруст муайян карда, дар ин замина вазифаҳои зеринро анҷом додааст. Аз ҷумла,

-таҳқиқи асосҳои назариявии тарбияи иқтисодии наврасон дар хонавода;

-таҳқиқи махсусияти синну соли тарбияи иқтисодии наврасон дар хонавода;

-омӯзиш ва усулҳои тарбияи иқтисодии наврасон дар хонавода;

-ба таври озмоиш муайян ва таҳқиқ намудани тасаввуроти иқтисодии наврасон;

Диссертант зимни иҷрои вазифа ва баргузории таҳқиқоти илмӣ ба навгониҳои илмии зерин комёб шудааст: аз ҷумла,

- нақши хонавода ҳамчун институти тарбия ба таври назариявӣ омӯхта шуд;
- дар заминаи таҳқиқот мушкилот дар раводиди тарбияи хонаводагии иқтисодии наврасон дар замони иқтисоди бозорӣ муайян ва нишон дода шуд:
- роҳҳои бартараф кардани мушкилот дар раванди тарбияи иқтисодии наврасон дар хонавода дар замони иқтисоди бозорӣ нишон дода шуд;
- роҳҳо, принсипҳо, методҳо ва технологияи тарбияи ахлоқиву иқтисодии наврасон дар хонавода бо такя ба натиҷаи таҳқикот пешниҳод карда шуд;
- ба такя ба натиҷаи таҳқиқот ва роҳу усулҳои нави ташаккули тасаввурот ва тарбияи ахлоқиву иқтисодии наврасон дар хонавода баррасӣ гардид.

Аҳамияти амалии таҳқиқот аз он иборат мебошад, ки асосу тавсияҳои методии дар амал санҷидашуда, натиҷаҳои илмии он ба сифати маводи коркардшуда ва тавсияҳои амалӣ дар фаъолияти тарбияи кӯдакону наврасон асос ёфтааст.

Маводи ҷамъбастшудаи таҳқиқот ба сифати маводи амалӣ дар фаъолияти кӯдакон дар асоси фарҳанги хонаводагӣ дар тартиб додани барномаю дастурҳои таълимию методӣ кӯмак мерасонад.

Хулосаҳои илмие, ки тавсия дода шудаанд, бо методҳои таҷрибавии таҳқиқот такя мекунанд. Инчунин, бо кори озмоишӣ таҷрибаи шахсии педагогии кори муаллиф тасдиқ шуданд.

Таҳқиқоти илмии Рустами Абдуҷаббор имкон медиҳад, дар асоси муносибати ҳадафмандонаи масъалаи фарҳанги хонавода ва тарбияи иқтисодии наврасон дар шароити иқтисоди бозорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони соҳибистиқлолӣ ҳаллу фасл карда шавад.

Бо дарназардошти хулосаҳои муқарризон ва иштирокчиёни ҷаласаи Шурои олимони факултети педагогикаи инноватсионӣ ва психологияи Донишгоҳи давлатии Данғара

**қарор кард:**

1. Диссертатсияи илмии Рустами Абдуҷаббор дар мавзӯи “Фарҳанги хонавода ва тарбияи иқтисодии наврасон дар шароити иқтисоди бозорӣ” кори илмии мустақилона баанҷомрасида, ки дар он муаллиф ба ҳалли вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташуда ноил шудааст, ҳисоб карда шавад.
2. Диссертатсияи илмии Рустами Абдуҷаббор дар мавзӯи “Фарҳанги хонавода ва тарбияи иқтисодии наврасон дар шароити иқтисоди бозорӣ ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ).ҷавобгӯ аст.
3. Диссертатсияи Рустами Абдуҷаббор дар мавзӯи “Фарҳанги хонавода ва тарбияи иқтисодии наврасон дар шароити иқтисоди бозорӣ” барои ҳимоя дар Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-022-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Академияи таҳсилоти Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

Хулоса, аз ҷониби котиби ҷаласаи Шурои олимони факултети педагогикаи инноватсионӣ ва психологияи Донишгоҳи давлатии Данғара, номзади илмҳои педагогӣ Набиев Ҷ.Ғ. мураттаб шуда, дар

ҷаласаи Шурои олимони факултети педагогикаи инноватсионӣ ва психологияи Донишгоҳи давлатии Данғара аз 08. 12. соли 2022, протоколи №5 қабул карда шудааст.

Дар ҷаласа 13 нафар иштирок доштанд. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: “Тарафдор” - 13 нафар, “Зид” - нест, “Бетараф” - нест. Қарор якдилона қабул карда шуд.

**Раисикунанда:** раиси Шӯрои олимони факултети педагогикаи инноватсионӣ ва психологияи Донишгоҳи давлатии Данғара, номзади илмҳои педагогӣ — Ғафурова Д.Ҷ.

**Муқарризон:**
профессори кафедраи таҳсилоти томактабӣ ва кори иҷтимоии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ — Иззатова М.И.

Номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ ва иқтисодии Донишгоҳи давлатии Данғара — Гулзода Н.А.

**Котиби ҷаласа:** номзади илмҳои педагогӣ, Мудири кафедраи методикаи таълим, таҳсилоти томактабӣ ва ибтидоӣ — Набиев Ҷ.Ғ.

**Имзои Ғафурова Д.Ҷ., Иззатова М.И., Гулзода Н.А., Ҷ.Ғ. Набиевро тасдиқ менамоям.**
**Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии Данғара** — Ҷабборӣ Н.Ҷ.